# СУРАТҶАЛАСАИ №7

аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 16-уми декабри соли 2022 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 8 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

2. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев Саидбой) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи дуюми рӯзнома раиси Шӯрои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос намудани аъзои шӯро бо мактуби ҷавобии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№552 аз 15.12.2022), ки барои аз нав баррасӣ ва ба сомона гузоштани ҳуҷҷатҳои довталаб Бобоева Иноятхон Асроровна ворид шудааст, суханро ба котиби илмии шӯро профессор Н.А. Ҳамробоев вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ба унвони раиси Шӯрои диссертатсионӣ аз номи довталаб Бобоева Иноятхон Асроровна санаи 26-уми октябри соли 2022 ариза барои баррасии диссертатсия ва автореферат ворид шуда буд. Ариза мувофиқи талаботи Низомнома дар муҳлати муайяншуда баррасӣ гардид, вале аз сабаби хатогии техникӣ ҳангоми ба сомона гузоштани ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба хатогӣ роҳ дода шуд ва

эълони ҳимояи диссертатсияи довталаб Бобоева Иноятхон Асроровна аз сомона гирифта шуд. Баъди ирсоли мактуб ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи мактуби ҷавобии он (№552 аз 15.12.2022) диссертатсия дигарбора барои аз нав баррасӣ ва ба сомона ҷойгир кардан иҷозат дода шуд. Аз ин рӯ, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи довталаб довталаб Бобоева Иноятхон Асроровна ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои аз нав баррасӣ намудани диссертатсияи унвонҷӯ довталаб Бобоева Иноятхон Асроровна барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Иноятхон Бобоева дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
   - **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
   - **Мухаметов Г.Б.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
3. Эроди дар мактуб таъкидгардида ба инобат гирифта шуда, ҳуҷҷатҳо бо риояи қатъии талаботи Низомнома таҳия карда шаванд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.